Бо қарори ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон
аз 3 майи соли 2014, № 300 тасдиқ шудааст

# Нақшаи чорабиниҳои
# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Умумиҷаҳонӣ

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Эзоҳ | Мақсади чорабинӣ | Мақомоти масъул | Мӯҳлати иҷро |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | **Нишондиҳандаи «Оғози фаъолияти соҳибкорӣ»** | | | | |
| | **1.1.** Мутобиқи талаботи қисмҳои 3 ва 4 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” дар мӯҳлатҳои муқарраргардида анҷом додани қайди баҳисобгирии субъекти соҳибкорӣ ва ба мақомоти бақайдгиранда дастрас намудани маълумот оид ба рақами мушаххаси суғуртавии гузошташуда.<br><br>**1.2.** Пас аз пурра татбиқ гардидани банди 1.1. Нақшаи чорабиниҳо, муқаррар намудани ду намуди тартиби бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ тавассути низоми «Равзанаи ягона»: фаврӣ (1 рӯз) бо дарназардошти пардохти иловагӣ ва муқаррарӣ (3-5 рӯз).<br><br>а) Ба роҳ мондани таҷрибаомӯзии пурраи низоми “Равзанаи ягона” бо иштироки мутахассисони Агентии | Дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” нишондиҳанда бо маънои оғоз ва ё ташкили фаъолияти соҳибкорӣ омадааст (на танҳо бақайдгирии корхонаҳо, ки яке аз расмиёти ин нишондиҳанда ба ҳисоб меравад). Айни ҳол ин нишондиҳанда 5 расмиёти бо оғоз намудани фаъолияти соҳибкорӣ алоқамандро, ки тибқи ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” дар давоми 33 рӯз бо хароҷоти 25,6%-и даромад ба як нафар аҳолӣ амалӣ гардонида мешаванд, дар бар мегирад, аз ҷумла: 1) пардохти маблағи бақайдгирӣ ва гирифтани расид (квитансия) -1 рӯз (якҷоя бо расмиёти 2 ва 3 мувофиқи низоми “Равзанаи ягона”); 2) бақайдгирӣ дар мақомоти давлатии андоз мувофиқи низоми “Равзанаи ягона” бо гирифтани шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ ва Рақами Мушаххаси Андозсупоранда, пардохти боҷи давлатӣ (1000 сомонӣ) ва гирифтани маълумотномаи бақайдгирии давлатӣ (80 сомонӣ) – 14 рӯз; 3) гирифтани | Баланд бардоштани нишондиҳандаи «Оғози фаъолияти соҳибкорӣ» дар Ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Умумиҷаҳонӣ.<br><br>Таъмини татбиқи амалии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми “Равзанаи ягона” ҳангоми бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ.<br><br>Аз байн бурдани монеаҳои сунъӣ ҳангоми бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ.<br>Ошкор намудани ҳолатҳои қонуншикании кормандони мақомоти бақайдгирӣ, баланд бардоштани масъулият ва таҳти назорати доимӣ қарор | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахши хусусӣ бо дастгирии шарикони рушд, аз ҷумла Лоиҳаи “Баланд бардоштани рақобатпазирии бахши хусусӣ”-и Бонки Умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон. | Соли 2014<br><br>Солҳои 2015-2016 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.<br><br>б) Таҳлили фаъолияти пурраи низоми "Равзанаи ягона", аз ҷумла истифодабарии системаи ягонаи иттилоотӣ ва ба он пайваст шудани Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br><br>в) Таҳия ва қабули санадҳои дахлдор, аз ҷумла ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ". | маълумотномаи оморӣ ва рамзи оморӣ дар Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 рӯз (якҷоя бо расмиёти 1 ва 2 мувофиқи низоми "Равзанаи ягона"); 4) бақайдгирӣ дар Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гирифтани Рақами Мушаххаси Суғуртавӣ (РМС)-14 рӯз; 5) тайёр намудани мӯҳри корхона (70 сомонӣ) -3 рӯз. Баъзе маълумоти методологияи баҳисобгирии ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" ба амалияи имрӯза рост намеояд. Вале ҳамзамон идомаи ислоҳот дар ин самт ва боз ҳам беҳтар намудани шароити бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ зарур дониста мешавад.<br><br>**1.1.** Мувофиқи қонунгузорӣ ва низоми муқаррагардидаи "Равзанаи ягона" бақайдгирии давлатӣ дар Феҳристи ягонаи давлатӣ - бақайдгирии яквақтаро дар мақомоти бақайдгирии давлатӣ, мақомоти омори давлатӣ ва мақомоти давлатии суғуртаи иҷтимоӣ дар назар дорад **(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.10 №669).** Дар амал бошад, мувофиқи таҳқиқоти ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ бақайдгирӣ дар мақомоти давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва гирифтани Рақами Мушаххаси Суғуртавӣ на тавассути низоми "Равзанаи ягона", балки дар алоҳидагӣ амалӣ гардонида шуда, 14 рӯзро талаб менамояд. Ҳол он ки мувофиқи қонунгузорӣ мақомоти давлатии суғуртаи иҷтимоӣ аз рӯи маълумоти гирифташуда баҳисобгирии бақайдгирии дохилии шахсони ҳуқуқӣ, филиал ва ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, соҳибкори инфиродиро дар давоми на дертар аз як рӯз гузаронида, маълумотро оид ба ин шахс (бо тасдиқи гузаронидани баҳисобгирии дохилӣ) дар намуди | доштани онҳо. | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | электронӣ ба мақомоти бақайдгирии давлатӣ бармегардонанд. **(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.10 №669).** Аз рӯи ин нишондиҳанда дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Умумиҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни 189 мамлакат мавқеи 87-умро ишғол менамояд. Дар сатҳи минтақавӣ бошад, дар байни 26 мамлакат ҷойи 21-умро ишғол мекунад, ки ин аз сатҳи миёнаи минтақавӣ поёнтар аст. Дар сатҳи минтақавӣ нишондиҳандаи баланди «Оғози фаъолияти соҳибкорӣ» аз 2 расмиёти дар давоми 7 рӯз бо хароҷоти 0,6%-и даромад ба як нафар аҳолӣ амалишаванда иборат мебошад. | | | |
| **2**. | **Нишондиҳандаи «Гирифтани иҷозатнома барои сохтмон»** | | | | |
| | **2.1.** То ҳадди имкон кам кардани миқдори расмиёти гирифтани иҷозатнома барои оғози корҳои сохтмонӣ, мӯҳлати расмиёт, хароҷоти расмиёти гирифтани иҷозатнома барои оғози корҳои сохтмонӣ.<br><br>**2.2.** Фаъол гардонидани раванди амалигардонии ислоҳот, таъмин намудани татбиқи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба соддагардонии низоми иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи сохтмон равона карда шудаанд.<br><br>**2.3.** Дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягона» барои қабул ва баррасии дархост оид ба гирифтани иҷозатнома барои оғози корҳои сохтмонӣ дар ҳамаи минтақаҳои мамлакат бо таҳия ва татбиқи ҳуҷҷатгузории стандартии расмиёти мазкур ва ҷой додани намунаҳои электронии ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар сомонаи интернетии ин равзана. | **2.1.** Тибқи ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Умумиҷаҳонӣ айни замон бо мақсади гирифтани иҷозатнома барои оғози корҳои сохтмонӣ дар мӯҳлати 228 рӯз бо хароҷоти расмии 27 139 сомонӣ, ки 604,5% даромад ба ҳар як нафари аҳолиро ташкил медиҳад. Ин расмиёт 24 адад буда, онро гузаштан лозим аст.<br>Аз рӯи ин нишондиҳанда мувофиқи ҳисобот Тоҷикистон дар байни 189 мамлакат мавқеи 184-умро ишғол менамояд.<br>Дар сатҳи минтақавӣ бошад, дар байни 26 мамлакат ҷойи 25-умро ишғол мекунад, ки ин аз сатҳи миёнаи минтақавӣ поёнтар аст.<br>Мувофиқи ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" дар сатҳи минтақавӣ нишондиҳандаи баланди гирифтани иҷозатнома барои огози корҳои сохтмонӣ аз 10 расмиёти дар мӯҳлати тақрибан 73 рӯз бо хароҷоти расмии 21,3% даромад ба ҳар як нафари аҳолӣ амалишаванда иборат мебошад. | Ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои баланд дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Умумиҷаҳонӣ.<br><br>Таъмини риояи қонунгузории танзимкунандаи соҳаи сохтмон.<br><br>Соддагардонии расмиёти маъмурии дастрас намудани иҷозатнома барои оғози корҳои сохтмонӣ, пешгирии бюрократия ва коррупсия.<br><br>Баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкорон, таъмини шаффофият ва асосҳои ҳуқуқии амалигардонии пардохтҳои расмӣ барои дархост ва гирифтани Хулоса оид ба | Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати экспертизаи давлатии ғайриидоравии лоиҳаҳои сохтмон, Хадамоти давлатии назорати сохтмон ва меъмории Кумитаи меъмори ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити | Солҳои 2015-2016 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2.4.** Ба роҳ мондани курсҳои омӯзиши кор дар низоми «Равзанаи ягона» барои қабул ва баррасии дархост оид ба гирифтани иҷозатнома барои оғози корҳои сохтмонӣ.<br><br>**2.5.** Ба роҳ мондани тартиби фаврӣ ва муқаррарии гирифтани иҷозатнома барои оғози корҳои сохтмонӣ бо муқаррар намудани мӯҳлат ва хароҷоти мувофиқ.<br><br>**2.6.** Се маротиба кам кардани мӯҳлати баррасии дархост дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба гирифтани қитъаи замин барои сохтмон ва гирифтани иҷозатномаи оғози корҳои сохтмонӣ аз мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ.<br><br>**2.7.** Ба қадри назаррас кам кардани хароҷоти расмиёти гирифтани супориши меъморию банақшагирӣ ва бартараф кардани хароҷоти ғайрирасмӣ.<br><br>**2.8.** То ҳадди имкон кам кардани мӯҳлат ва хароҷоти расмиёти дархост ва гирифтани Хулоса оид ба бехатарии сӯхтор аз Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои лоиҳаи сохтмонӣ.<br><br>**2.9.** Паҳн намудани маълумот вобаста ба тартиби тамоми расмиёти гирифтани иҷозатнома барои сохтмон, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, асосҳои ҳуқуқии гузаронидани ин расмиёт, мӯҳлат ва пардохти расмӣ бо нишондоди асосҳои ҳуқуқии амалигардонии пардохт ва ба роҳ мондани пешниҳоди варақаи пардохт барои ҳар як пардохти расмӣ. Ин маълумот бояд дар ҷои намоёни сомонаи | **2.2.** Гурӯҳи Бонки Умумиҷаҳонӣ ба кӯшишҳои Ҳукумати мамлакат дар амалигардонии ислоҳот, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба соддагардонии низоми иҷозатномадиҳӣ равона карда шудаанд, баҳои баланд медиҳад, аммо дар баробари ин қайд менамояд, ки татбиқшавии қонунгузорӣ ва ислоҳот, махсусан низоми "Равзанаи ягона" хеле суст ба роҳ монда шудааст.<br><br>**2.6.** Тибқи ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" расмиёти баррасии дархост ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба гирифтани қитъаи замин барои сохтмон ва гирифтани иҷозатнома барои оғози корҳои сохтмонӣ аз мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ бе пардохти расмӣ 30 рӯзро талаб мекунад.<br><br>**2.7.** Дар асоси ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" расмиёти гирифтани Супориши меъморию банақшагирӣ дар давоми 3 рӯз бо пардохти маблағи расмӣ – 3500 сомониро ташкил медиҳад ва ин раванд имконияти ҷой доштани хароҷоти ғайрирасмиро низ дар назар дорад.<br><br>**2.8**. Расмиёти дархост ва гирифтани Хулоса оид ба бехатарии сӯхтор аз Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои лоиҳаи сохтмонӣ дар давоми 7 рӯз бо пардохти расмии 150 сомонӣ амалӣ гардонида мешавад.<br><br>**2.9.** Тибқи ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" ҳангоми амалигардонии пардохтҳои расмӣ асосҳои ҳуқуқии онҳо дар байни пардохткунандагон шубҳа ба миён меорад, зеро онҳо ба қайд гирифта намешаванд ва мақсади пардохт ба | бехатарии сӯхтор барои лоиҳаи сохтмонӣ дар Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хулосаи экологӣ аз Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хулосаи санитарию эпидемиологӣ аз Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои лоиҳаи сохтмонӣ бо мақсади ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ намудани расмиёти гирифтани иҷозатнома барои сохтмон.<br><br>Соддагардонии расмиёти дастрас намудани иҷозатнома барои сохтмон.<br><br>Татбиқи ҳар чи зудтари санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба риояи талаботи Кодекси шаҳрсозӣ алоқаманд мебошанд.<br><br>Баланд бардоштани масъулияти кормандони мақомоти иҷозатдиҳанда, пешгирӣ намудани бюрократия, коррупсия ва бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ.<br><br>Ба вуҷуд овардани рақобати солим дар байни Раёсати экспертизаи давлатии | зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Корхонаи фаръии байнишаҳрии инвентаризатсияи техникӣ, корхонаҳои фаръии инвентаризатсияи техникии шаҳру ноҳияҳо, дигар мақомоти дахлдор, бахши хусусӣ бо дастгирии шарикони рушд, аз ҷумла Лоиҳаи "Баланд бардоштани рақобатпазирии бахши хусусӣ"-и Бонки Умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон. | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | интернетии “Равзанаи ягона”-и гирифтани иҷозатнома барои сохтмон, инчунин дар овезаҳои тамоми мақомоти дахлдор, аз ҷумла дар Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шаванд.<br><br>**2.10.** Ҳамчун асоси ҳуқуқӣ дар раванди дархост ва гирифтани Хулоса оид ба бехатарии сӯхтор барои лоиҳаи сохтмонӣ аз Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани татбиқи пурраи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бехатарии сӯхтор”, №363 аз 20 марти 2008 ва назорати болои риояи он.<br><br>**2.11.** Ба танзим даровардани расмиёти пайвастшавии обу корез тибқи расмиёти муайяншуда дар “Қоидаҳои пайвастшавӣ ба шабакаҳои муҳандисӣ ва хизматрасонии коммуналӣ. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №531 аз 01 октябри соли 2009” тавассути муттаҳид намудани 4 расмиёти ба ҳам алоқаманд, аз ҷумла расмиёти дархост ва дастрас намудани шартҳои техникӣ барои пайвастшавӣ ба таъминоти об аз мақомоти обу корез, расмиёти дархост ва гирифтани Хулосаи лоиҳаи сохтмонӣ аз мақомоти таъминоти обу корез - Корхонаи воҳиди давлатии “Обу корез” барои лоиҳаи сохтмонӣ, расмиёти гузаронидани санҷиш аз ҷониби мақомоти хизматрасонии об ва расмиёти | пардохткунанда маълум нест. Бинобар ин барои баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкорон вобаста ба тартиби ҳамаи расмиёти гирифтани иҷозатнома барои сохтмон ҳуҷҷатҳои зарурӣ, асосҳои ҳуқуқии гузаронидани ин расмиёт, мӯҳлат ва пардохти расмӣ бо нишондоди асосҳои ҳуқуқии амалигардонии пардохт, ҷойгир намудани маълумоти муфассал дар сомонаи “Равзанаи ягона”-и гирифтани иҷозатнома барои сохтмон, инчунин дар овезаҳои тамоми мақомоти дахлдор, мувофиқи мақсад мебошад. Ин маълумот бояд барасмиятдарории Хулосаи экологӣ, Хулоса оид ба бехатарии сӯхтор, Хулосаи санитарию эпидемиологӣ барои лоиҳаи сохтмонӣ, ҳуҷҷатгузории ҳуқуқӣ ва нақшаи генералии шаҳрро дар бар гирад. Чорабинии мазкур метавонад тавассути дастгирии Лоиҳаи “Баланд бардоштани рақобатпазирии бахши хусусӣ”-и Бонки Умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон амалӣ карда шавад.<br><br>**2.10.** Бояд қайд намуд, ки ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” дар асоси моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бехатарии сӯхтор”, № 995 (аз 21 июли с. 1994) ва қисми 4.8 Низомнома “Дар бораи назорати давлатии сӯхтор”, № 726 (аз 7 декабри с. 1995) таҳия шудааст, ҳол он ки амали ин қонун баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бехатарии сӯхтор”, №363 аз 20 марти 2008 қатъ гардидааст.<br><br>**2.11.** Тибқи ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” расмиёти дархост ва дастрас намудани шартҳои техникӣ барои пайвастшавӣ ба таъминоти об аз мақомоти обу корез дар давоми 1 рӯз бе пардохти маблағи расмӣ, расмиёти дархост ва гирифтани Хулосаи лоиҳаи | ғайриидоравии лоиҳаи сохтмон ва ширкатҳои хусусии дорои иҷозатнома барои гузаронидани экспертизаи лоиҳаҳои сохтмонӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ, аз ҷумла дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин ва бо хароҷоти пасттар гузаронидани экспертизаи лоиҳаи сохтмонӣ, ки ба баланд бардоштани нишондиҳандаи «Гирифтани иҷозат барои сохтмон» дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Умумиҷаҳонӣ мусоидат менамояд.<br><br>Таъмини пайвастшавӣ ба шабакаҳои техникӣ ва шабакаи хизматрасонии коммуналӣ дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин. | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | пайвастшавӣ ба об ва то 10 рӯз расонидани мӯҳлати амалигардонии расмиёти нави муттаҳидгардида.<br><br>**2.12.** Кам кардани мӯҳлат ва харочоти расмиёти дархост намудан ва гирифтани Хулосаи экологӣ аз Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои лоиҳаи сохтмонӣ.<br><br>**2.13.** Ба 10 рӯз расонидани мӯҳлати расмиёти дархост ва гирифтани Хулосаи санитарию эпидемиологӣ аз Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба қадри имкон паст кардани харочоти он.<br><br>**2.14.** Муқаррар намудани назорати татбиқи амалии сархати 12 моддаи 64 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузаронидани экспертизаи иншоот дар давоми як моҳи тақвимӣ ва татбиқи Фармони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи моддаи 64 сархати 4 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва риояи ҳатмии номгӯи иншооте, ки нисбат ба онҳо ҳуҷҷатгузории лоиҳавӣ барои гузаронидани экспертизаи давлатӣ лозим шуморида намешавад.<br><br>**2.15.** Муқаррар намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои риоя накардани мӯҳлати тибқи қонунгузорӣ муқарраргардидаи экспертизаи давлатӣ ва ба таври сунъӣ мураккаб гардонидани расмиёти маъмурии бо сохтмон ва таҷдиди иншоот алоқаманд.<br><br>**2.16.** Мусоидат намудан ба татбиқи Моддаи 65 Кодекси шаҳрсозии | сохтмонӣ аз мақомоти таъминоти обу корез - Корхонаи воҳиди давлатии "Обу корез"-и ш. Душанбе барои лоиҳаи сохтмонӣ дар давоми 10 рӯз бо пардохти маблағи расмии 100 сомонӣ, расмиёти гузаронидани санчиш аз ҷониби мақомоти хизматрасонии об дар давоми 1 рӯз бе пардохти маблағи расмӣ ва расмиёти пайвастшавӣ ба об дар давоми 29 рӯз бе пардохти маблағи расмӣ амалӣ гардонида мешаванд.<br><br>**2.12.** Дар асоси ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"расмиёти дархост намудан ва гирифтани Хулосаи экологӣ аз Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои лоиҳаи сохтмонӣ дар давом 45 рӯз бо маблағи расмии 200 сомонӣ амалӣ карда мешавад.<br><br>**2.13.** Расмиёти дархост ва гирифтани Хулосаи санитарию эпидемиологӣ аз Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 15 рӯз бо пардохти маблағи расмии 150 сомонӣ амалӣ гардонида мешавад.<br><br>**2.15.** Мувофиқи маълумоти бахши хусусӣ ҳангоми гузаронидани экспертизаи иншоот аксари вақт мӯҳлати бо қонун муқарраргардида риоя нашуда, расмиёти маъмурии бо сохтмон ва таҷдиди иншоот алоқаманд ба таври сунъӣ мураккаб гардонида мешавад.<br><br>**2.18.** Тибқи ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" расмиёти дархост ва қабули қарор аз ҷониби Комиссияи назорати корҳо дар соҳаи сохтмон дар давоми 15 рӯз бе пардохти маблағи расмӣ амалӣ мегардад. | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузаронидани экспертизаи ғайридавлатии иншоот бо асосҳои шартномавӣ.<br><br>**2.17.** Дар овезаҳои Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар сомонаи интернетии “Равзанаи ягона”-и гирифтани иҷозатнома барои сохтмон ҷой додани маълумот оид ба имконияти гузаронидани экспертизаи ғайридавлатии лоиҳаи сохтмонӣ.<br><br>**2.18.** Се маротиба кӯтоҳ намудани мӯҳлати расмиёти дархост ва қабули қарор аз ҷониби Комиссияи назорати корҳо дар соҳаи сохтмон.<br><br>**2.19.** Дар як расмиёт муттаҳид намудани се расмиёти вобаста ба дархости қарори Комиссияи давлатии қабул, гузаронидани назорат аз ҷониби Комиссияи давлатии қабул ва гирифтани қарори Комиссияи давлатии қабул ва то 5 рӯз расонидани мӯҳлати амалигардонии расмиёт.<br><br>**2.20.** Ба роҳ мондани тартиби фаврӣ ва муқаррарии расмиёти тасдиқи қабули иншоот ва пешниҳоди шиносномаи техникӣ бо пардохти маблағи иловагӣ дар асоси шартнома.<br><br>**2.21.** Фаъол гардонидани корҳо ҷиҳати бекор намудани расмиёти алоҳида ва кӯтоҳ кардани мӯҳлати дастрасии иҷозатнома барои сохтмон.<br><br>**2.22.** Риоя намудани қоидаҳои пайвастшавӣ ба шабакаҳои техникӣ ва шабакаи хизматрасонии коммуналӣ мувофиқи талаботи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кам кардани | **2.19.** Дар асоси ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” расмиёти дархости қарори Комиссияи давлатии қабул дар давом 1 рӯз бе пардохти маблағи расмӣ, расмиёти гузаронидани назорат аз ҷониби Комиссияи давлатии қабул дар давоми 1 рӯз бе пардохти расмӣ ва расмиёти гирифтани қарори Комиссияи давлатии қабул дар давоми 30 рӯз бе пардохти расмӣ амалӣ мегарданд.<br><br>**2.20.** Расмиёти тасдиқи қабули иншоот ва пешниҳоди шиносномаи техникӣ аз тарафи Корхонаи фаръии байнишаҳрии инвентаризатсияи техникӣ дар давоми 15 рӯз бо пардохти маблағи расмии 312 сомонӣ амалӣ гардонида мешавад. Дар ҳолати ба таври таъҷилӣ иҷро намудани ин расмиёт мувофиқи иттилои Корхонаи воҳиди давлатии “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” бо розигии тарафҳо кор тибқи талаботи Кодекси Гражданӣ ба таври шартномавӣ сурат мегирад.<br><br>**2.21**. Тартиби коргузорӣ, меъёр, қоидаҳои шаҳрсозӣ ва технологияҳои сохтмон бо сабабҳои пешрафти илму техника, қонунгузорӣ ва талаботи замон мунтазам дар ҳолати такмилёбӣ қарор доранд.<br>Бинобар ин бо мақсади фаъол намудани раванди амалигардонииислоҳот, таъмини татбиқи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, роҳ надодан ба камбудиҳо, баланд бардоштани сифат ва суръати кор ташкили курсҳои доимоамалкунандаи такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисон зарур мебошад. | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | мӯҳлати пайвастшавӣ ба шабакаҳои техникӣ.<br><br>**2.23.** Ташкили курсҳои доимоамалкунандаи такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи сохтмон. | | | | |
| **3.** | **Нишондиҳандаи «Пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ»** | | | | |
| | **3.1.** Гузаронидани пайвастшавии санҷишии ягон корхонаи давлатӣ ба шабакаи таъминоти барқ барои муайян кардани мӯҳлат ва хароҷоти зарурӣ ва дар асоси ин ба низоми ягона даровардани тартиби пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ.<br><br>**3.2.** Ба ваколати намояндагиҳои ШСХК "Барқи Тоҷик" дар вилоятҳои ҷумҳурӣ додани пешниҳоди шартҳои техникӣ барои пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ барои соҳибкорон ҷиҳати бароҳандозии корхонаи нави истеҳсолӣ.<br><br>**3.3.** Муттаҳид намудани се расмиёт, аз ҷумла баррасии ариза дар Шабакаҳои барқии шаҳру ноҳияҳо ва пешниҳоди шартҳои техникӣ барои пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ аз тарафи ШСХК "Барқи Тоҷик", санҷиши беруна аз ҷониби Хадамоти давлатии назорати энергетикии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин гирифтани тарҳи лоиҳаи пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ ва тасдиқи он аз ҷониби мақомоти гуногуни дахлдор тавассути ба роҳ мондани низоми «Равзанаи ягона» оид ба дастрас ва тасдиқ намудани лоиҳаи пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ ва ба қадри назаррас паст кардани хароҷоти расмиёти муттаҳидгардида ва | **3.1.** Тибқи ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ дар маҷмӯъ аз 9 расмиёт иборат мебошад, ки дар давоми 185 рӯз бо хароҷоти 48 440 сомонӣ, ки 1077,4%-и даромад ба сари аҳолиро ташкил медиҳад, амалӣ гардонида мешаванд.<br>Аз рӯи ин нишондиҳанда Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" мавқеи 186-умро дар байни 189 мамлакат ишғол менамояд. Дар сатҳи минтақавӣ бошад дар байни 26 мамлакат ҷойи охиринро ишғол мекунад.<br>Мувофиқи ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" дар сатҳи минтақавӣ нишондиҳандаи баланди пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ аз 5 расмиёти дар мӯҳлати тақрибан 88 рӯз бо хароҷоти расмии 65,3% даромад ба сари аҳолӣ амалишаванда иборат мебошад.<br><br>**3.2.** Мувофиқи таҳлилҳо барои соҳибкороне, ки дар ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ корхонаи нави истеҳсолӣ месозанд, бо мақсади дастрас намудани шартҳои техникӣ барои пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ зарур аст то ба шаҳри Душанбе омада бо сарфи вақт ва маблағи барзиёд аз ШСХК "Барқи Тоҷик" дар шаҳри Душанбе ҳуҷҷатҳои лозимаро дастрас намоянд.<br><br>**3.3.** Дар асоси ҳисоботи "Пешбурди | Баланд бардоштани нишондиҳандаи «Пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Умумиҷаҳонӣ.<br><br>Таҷдиди назари расмиёти пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ барои муайян намудани мушкилоти асосӣ дар ин раванд.<br><br>Соддагардонии расмиёти пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ, кам кардани миқдор, мӯҳлат ва хароҷоти пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ.<br><br>Соддагардонии ҳуҷҷатгузории иҷрои корҳои берунаи васлгарӣ аз тарафи васлгари хусусӣ. | Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шабакаҳои барқии шаҳру ноҳияҳо, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии "Обу корезӣ"-и шаҳру ноҳияҳо, Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии "Роҳи оҳани Тоҷикистон", бахши хусусӣ бо дастгирии шарикони рушд. | Солҳои 2015-2016 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | то ба 30 рӯз кам кардани мӯҳлати он.<br><br>**3.4.** Бартараф намудани дигар мақомоти давлатӣ аз расмиёти тасдиқи тарҳи лоиҳаи пайвастшавӣ ба шабакаи таъмини барқ ва вобаста намудани ин расмиёт ба Хадамоти давлатии назорати энергетикии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ШСХК "Барқи тоҷик".<br><br>**3.5.** Ба роҳ мондани тартиби фаврӣ ва муқаррарии расмиёти тасдиқи тарҳи лоиҳаи пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ бо муқаррар намудани хароҷоти мувофиқ.<br><br>**3.6.** Коркард ва қабули стандарти ягонаи иҷрои корҳои берунаи васлгарӣ ва ҳуҷҷатгузории он аз ҷониби Хадамоти давлатии назорати энергетикии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон.<br><br>**3.7.** Дар як расмиёт муттаҳид намудани се расмиёт оид ба санҷиши ҳисобкунаки барқӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ вобаста ба стандартҳо, оид ба гузаронидани санҷиши корҳои иҷрошуда аз ҷониби ШСХК "Барқи Тоҷик" ва оид ба гузаронидани санҷиши корҳои иҷрошуда аз ҷониби Хадамоти давлатии назорати энергетикии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вобаста намудани ин расмиёт ба Хадамоти давлатии назорати энергетикии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кӯтоҳ намудани мӯҳлати он то 3 рӯз.<br><br>**3.8.** Се маротиба кӯтоҳ намудани мӯҳлати расмиёти бастани қарордод бо | соҳибкорӣ" расмиёти баррасии ариза дар Шабакаҳои барқии минтақавию ноҳиявӣ ва пешниҳоди шартҳои техникӣ барои пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ аз тарафи ШСХК "Барқи Тоҷик" дар давоми 75 рӯз бо пардохти 2800 сомонӣ маблағи расмӣ амалӣ гардонида мешавад.<br>Мувофиқи ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" расмиёти санҷиши беруна аз ҷониби Хадамоти давлатии назорати энергетикии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ бе пардохти маблағи расмӣ гузаронида мешавад.<br>Тибқи ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" расмиёти гирифтани тарҳи лоиҳаи пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ ва тасдиқи он аз ҷониби мақомоти гуногуни дахлдор дар давоми 24 рӯз бо пардохти маблағи расмии 6500 сомонӣ амалӣ мегардад. Ин расмиёт омодасозии тарҳи лоиҳаи пайвастшавиро аз ҷониби ширкати барқии хусусӣ ва тасдиқи онро дар Шабакаҳои барқии шаҳру ноҳияҳо, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии "Обу корезӣ"-и шаҳру ноҳияҳо, Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии "Роҳи оҳани Тоҷикистон" ва як қатор мақомоти дигар дар бар мегирад.<br>Дар аксарияти мамлакатҳои минтақаи Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ ҳангоми пайвастшавӣ ба шабакаҳои таъминоти барқ бо на зиёда аз се мақомот (дар Арманистон, Гурҷистон, Эстония бо як мақомот, дар Болгария ва Қазоқистон бо ду мақомот, дар Молдавия бо се мақомот), аз ҷумла бо мақомоти таъминкунандаи барқ, мақомоти энергетика ва ҳокимияти иҷроия сару кор доранд. | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ШСХК "Барқи Тоҷик" ва пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ. | **3.4.** Дар асоси ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" расмиёти гирифтани иҷозат барои кандани роҳ барои пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ аз Вазорати нақлиёт 13 рӯзи тақвимиро бе пардохти маблағи расмӣ талаб менамояд.<br><br>**3.5.** Мувофиқи ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" расмиёти иҷрои корҳои берунаи пайвастнамоӣ аз тарафи васлгари хусусӣ бар замми иҷрои корҳои берунаи васлгарӣ мувофиқи шартҳои техникӣ ва пайваст намудани ҳисобкунаки барқӣ инчунин омодасозии ҳуҷҷатгузории васли кабели 10KV, ҳуҷҷатгузорӣ оиди санҷиши трансформатор ва ҳуҷҷатгузории санҷиши кабели 10KV-ро аз ҷониби васлгари хусусӣ дар бар гирифта, дар давоми 35 рӯз бо пардохти 8000 доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико баробар ба 39040 сомонӣ амалӣ гардонида мешавад.<br><br>**3.7.** Тибқи ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" расмиёти санҷиши ҳисобкунаки барқӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ оид ба стандартҳо дар давоми 4 рӯз бе пардохти расмии маблағ, расмиёти гузаронидани санҷиши корҳои иҷрошуда аз ҷониби ШСХК "Барқи Тоҷик" дар давоми 3 рӯз бе пардохти расмии маблағ ва расмиёти гузаронидани санҷиши корҳои иҷрошуда аз ҷониби мақомоти назорати энергетикии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 3 рӯз бе пардохти расмии маблағ сурат мегиранд.<br><br>**3.8.** Расмиёти бастани қарордод бо ШСХК "Барқи Тоҷик" ва пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқ дар давоми 22 рӯз бо хароҷоти расмии 20 доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико амалӣ гардонида мешавад.<br>Барои муқоиса ин расмиёт дар | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Арманистон дар давоми се рӯз, дар Қазоқистон дар давоми 7 рӯз бе пардохти маблағ амалӣ гардонида мешавад. | | | |
| **4.** | **Нишондиҳандаи “Бақайдгирии моликият”** | | | | |
| | **4.1.** Ҷоннок намудани ташкили низоми “Равзанаи ягона” оид ба бақайдгирии молу мулки ғайриманқул, инчунин бақайдгирии ҳуқуқи истифодаи китъаи замин дар КВД “Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул”-и Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон.<br><br>**4.2.** Таҳияи сомонаи интернетӣ барои “Равзанаи ягона” оид ба бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҷойгир намудани маълумоти пурра оид ба тартиби бақайдгирии молу мулки ғайриманқул, ҳуҷҷатгузории он ва пардохтҳои расмӣ бо асоснокнамоии ҳуқуқӣ, имконияти машваратнамоӣ бо мутахассисон ҳангоми ба миён омадани масъалаҳои ҳалталаб оид ба бақайдгирии молу мулки ғайриманқул, инчунин ба роҳ мондани назорати сари вақт ворид намудани тағйироти дахлдор ба ин сомона.<br><br>**4.3.** Коркард ва қабули стандарти ягонаи ҳуҷҷатгузории бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва тариқи онлайн дар сомонаи “Равзанаи ягона” оид ба бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ҷойгир намудани онҳо. | Мувофиқи ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” бақайдгирии молу мулк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 расмиёт иборат мебошад, ки дар давоми 37 рӯз бо хароҷоти 4,1% аз арзиши моликият (294 сомонӣ) амалӣ гардонида мешаванд.<br>Аз рӯи ин нишондиҳанда Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”- и Бонки Умумиҷаҳонӣ дар байни 189 мамлакат мавқеи 78-умро ишғол менамояд. Дар сатҳи минтақавӣ бошад, дар байни 26 мамлакат ҷойи 17-умро ишғол мекунад, ки ин аз сатҳи миёнаи минтақавӣ поёнтар аст.<br>Дар сатҳи минтақавӣ ба нишондиҳандаи беҳтарини “Бақайдгирии моликият” дар ҳолати ҷой доштани 2 расмиёти дар давоми 4 рӯз бе хароҷоти маблағ амалишаванда ноил шудан мумкин аст.<br><br>**4.1.** Тибқи ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” расмиёти дастрас намудани шаҳодатнома аз Бюрои инвентаризатсияи техникӣ дар давоми аз 1 то 3 рӯз бо пардохти маблағи 60 сомонӣ, расмиёти бақайдгирии шартномаи харидуфурӯш дар мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар давоми 1 рӯз бе пардохти маблағ, расмиёти бақайдгирии ҳуқуқи моликият ба бино дар давоми аз 1 то 3 рӯз бо пардохти 26 сомонӣ пардохти арзиши бақайдгирӣ ва 60 сомонӣ барои шаҳодатнома, инчунин расмиёти бақайдгирии ҳуқуқи истифодаи замин дар сохторҳои маҳаллии Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 30 рӯз бо пардохти 32 сомонӣ маблағи расмӣ амалӣ | Соддагардонии расмиёти бақайдгирии молу мулк ва баланд бардоштани нишондиҳандаи «Бақайдгирии моликият»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Умумиҷаҳонӣ.<br><br>Таъмини шаффофияти расмиёти бақайдгирии молу мулк, пешгирии бюрократия, коррупсия ва баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии соҳибкорон.<br><br>Сарфаи хароҷоти вақт ҳангоми омодасозии ҳуҷҷатҳо ва пешгирӣ намудани хатогиҳо ҳангоми тартиб додани шартнома ва ба миён омадани мушкилоти баҳсталаб ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳо аз ҷониби тарафҳои шартнома. | Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД “Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул”, бахши хусусӣ бо дастгирии шарикони рушд, аз ҷумла Лоиҳаи “Баланд бардоштани рақобатпазирии бахши хусусӣ”-и Бонки Умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон. | Солҳои 2015-2017 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | гардонида мешаванд.<br><br>**4.3.** Ба роҳ мондани истифодаи васеи шартномаҳои стандартӣ ба кори нотариусҳо суръат бахшида, имконияти роҳ додани иштибоҳро ҳангоми тартиб додани шартнома ва мушкилоти иҷрои ӯҳдадориҳои тарафҳоро мувофиқи шартнома бартараф месозад. Масалан, дар Таиланд, ки тибқи нишондиҳандаи бақайдгирии моликият мавқеи 29-умро ишғол мекунад, шартномаҳои стандартии хариду фурӯши моликият васеъ истифода бурда мешаванд, ки аз ҷониби тарафҳои шартнома ба осонӣ пур карда шуда, ба мақомоти бақайдгирии моликият пешниҳод карда мешаванд. | | | |
| **5.** | **Нишондиҳандаи “Қарздиҳӣ”** | | | | |
| | **5.1.** Аз тарафи муассисаҳои қарздиҳӣ ба роҳ мондани омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ оид ба истифодаи усулҳои ҳавасмандгардонии иҷрои ӯҳдадориҳои қарзӣ аз ҷониби мизоҷон.<br><br>**5.2.** Ба роҳ мондани усули пешниҳоди қарзҳои бегарави эътимоднок ба мизоҷони дорои таърихи қарзии мусбӣ.<br><br>**5.3.** Таъмини Бюрои қарзию иттилоотии “Тоҷикистон” бо иттилооти таърихи қарзҳо тавассути ҷамъ овардан ва паҳн намудани иттилооти қарзӣ оид ба ҳамаи аҳолии болиғи мамлакат дар давоми 5 сол. | Нишондиҳандаи “Қарздиҳӣ”-и ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Умумиҷаҳонӣ дар худ чор зернишондиҳанда, аз ҷумла зернишондиҳандаи дараҷаи татбиқшавии ҳуқуқҳои қонунан муқарраргардидаи қарздорону қарзгирандагон (0-10 хол), зернишондиҳандаи амиқ будани иттилооти қарзӣ (0-6 хол), зернишондиҳандаи фарогирии феҳристи давлатӣ (%-и аҳолии болиғ) ва зернишондиҳандаи фарогирии бюрои кредитии хусусӣ (%-и аҳолии болиғ)-ро дар бар мегирад.<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи зернишондиҳандаи устувории ҳуқуқҳои қонунан муқарраргардидаи қарздорону қарзгирандагон аз 10 холи имконпазир соҳиби 2 хол, зернишондиҳандаи амиқ будани иттилооти қарзӣ аз 6 холи имконпазир соҳиби 4 хол шуда, зернишондиҳандаи фарогирии бюрои кредитии хусусӣ 2,1%-и аҳолии болиғро | Баланд бардоштани нишондиҳандаи “Қарздиҳӣ”-и Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Умумиҷаҳонӣ.<br><br>Мусоидат намудан ба баланд бардоштани дараҷаи татбиқшавии ҳуқуқҳои қонунан муқарраргардидаи қарздорону қарзгирандагон ва масъулияти қарзгирандагон барои иҷрои саривақтии ӯҳдадориҳои қарзии худ.<br><br>Васеъ намудани миқёси фарогирии аҳолии болиғи мамлакат аз тарафи Бюрои | Бонки миллии Тоҷикистон, Бюрои қарзию иттилоотии “Тоҷикистон”, Ассосиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, бахши хусусӣ бо дастгирии шарикони рушд. | Солҳои 2014-2015 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | ташкил медиҳад. Бинобар сабаби вуҷуд надоштани феҳристи давлатии иттилооти қарзӣ аз рӯи нишондиҳандаи чорум Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон холро соҳиб нагардидааст.<br>Аз рӯи ин нишондиҳанда Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни 189 мамлакат мавқеи 159-умро ишғол менамояд. Дар сатҳи минтақавӣ бошад, дар байни 26 мамлакат ҷои 25-умро ишғол менамояд. Таҷрибаи беҳтарини минтақавӣ аз рӯи зернишондиҳандаи устувории ҳуқуқҳои қонунан муқарраргардидаи қарздорону қарзгирандагон 10 хол, зернишондиҳандаи амиқ будани иттилооти қарзӣ 5 хол шуда, зернишондиҳандаи фарогирии феҳристи давлатии иттилооти қарзӣ 60,3-и аҳолии болиғ ва зернишондиҳандаи фарогирии бюрои кредитии хусусӣ 59,2-и аҳолии болиғро ташкил медиҳад.<br><br>**5.3.** Аз ҷониби мутахассисони ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” дар Тоҷикистон таъсис дода шудани Бюрои қарзию иттилоотии “Тоҷикистон” дар моҳи декабри соли 2012 хуб арзёбӣ гардид. Вале мувофиқи методологияи ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Умумиҷаҳонӣ дар баробари Бюрои хусусии қарзию иттилоотӣ мавҷудияти Феҳристи давлатии иттилооти қарзӣ низ лозим мебошад.<br>Иттилооти қарзии Бюрои қарзию иттилоотии “Тоҷикистон” ва Феҳристи давлатии иттилооти қарзӣ бояд иттилооти қарзиро оиди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба феҳрист дохил карда шудаанд, дар давоми 5 соли охир фаро гирад. Шумораи шахсони воқеию ҳуқуқӣ ҳамчун фоизи аҳолии болиғи мамлакат ба ҳисоб гирифта мешаванд. | қарзию иттилоотии “Тоҷикистон”. | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **6.** | **Нишондиҳандаи “Андозситонӣ”** | | | | |
| | **6.1.** Ташкил намудани мубодилаи маълумот, аз ҷумла дар шакли электронӣ байни тамоми вазорату идораҳои дахлдор, аз ҷумла Вазорати молия, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти дахлдор.<br><br>**6.2.** Зиёд намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон тавассути гузаронидани семинар-машваратҳо, намоишҳои телевизионӣ ва гуфтушунидҳо тариқи радио ва таъмини андозсупорандагон бо варақаҳои эъломияҳои андозӣ тавассути CD дискҳо мувофиқи дархости андозсупорандагон.<br><br>**6.3**. Зиёд намудани шумораи андозсупорандагоне, ки эъломия ва ҳисоботи андозро тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд.<br><br>**6.4.** Аз нав баррасӣ намудани сиёсати кадрии мақомоти андоз тавассути ба қадри кифоя баланд бардоштани музди меҳнати кормандони мақомоти андоз, ҷорӣ намудани механизмҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо, ки ба қонеъ гардонидани андозсупорандагон равона карда шудаанд, ба роҳ мондани низоми махфии қабули шикоятҳои соҳибкорон аз рафтори ғайриқонунии онҳо ва дар дар ин замина чораҷӯӣ кардан нисбати корманди масъул. | **6.3. ва 6.4.** Тибқи ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” низоми электронии андозсупорӣ бояд хеле содда буда, зиёда аз 50%-и корхонаҳои соҳибкорон онро ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои андозии худ истифода намоянд.<br><br>Барои дарк намудани бартарияти низоми электронии андозсупорӣ ба соҳибкорон мусоидат намудан зарур мебошад. Имрӯз барномаҳои махсус барои тартиб ва омода намудани эъломия ва ҳисоботи андоз дар сомонаи расмии Кумитаи андоз www.andoz.tj ҷойгир карда шудаанд, ки ин боиси дастгирӣ мебошад. Дар баробари ин бо назардошти маҳдудият дар дастрасӣ ба интернет ба соҳибкорон дар шакли CD дискҳо пешниҳод намудани онҳо мувофиқи мақсад аст.<br><br>**6.5.** Зарур аст, ки кормандони мақомоти андоз дар баробари амалӣ гардонидани фаъолияти худ муаммоҳову мушкилиҳои соҳибкоронро муайян намуда онҳоро таҳлилу таҳқиқ кунанд ва ҳамчун коршиноси соҳа дар ҳамкорӣ бо соҳибкорон роҳҳои бартараф сохтани ин монеаҳоро пешниҳод намоянд. Дар ҳолатҳои дуруст дарк накардани ягон санади қонунгузории андозбандӣ ба онҳо маслиҳат дода, ҳамчун машваратчии давлатӣ ба фаъолияти самараноки субъектҳои соҳибкорӣ беғаразона мусоидат намоянд. | Ноил гардидан ба нишондиҳандаи баланди “Андозситонӣ” дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Умумиҷаҳонӣ.<br>Мукаммалгардонии низоми андоз, беҳтар гардонидани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ.<br>Роҳ надодан ба болоравии манфиатҳои идоравӣ, ҳимоя намудани ҳуқуқ, манфиатҳо ва имкониятҳои бахши хусусӣ, баланд бардоштани самаранокии ислоҳот ва ҳалли масъалаҳои воқеии бахши хусусӣ.<br><br>Соддагардонии маъмурикунонии андоз.<br><br>Пурра тағйир додани муносибати кормандони мақомоти андоз нисбат ба соҳибкорон. Мусоидат намудан ба фаъолияти самараноки соҳибкорӣ дар чаҳорчубаи қонунгузории мамлакат. | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Гурӯҳи кории доимоамалкунандаи назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳлили Кодекси андоз), Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар мақомоти дахлдор, бахши хусусӣ бо дастгирии шариконы рушд. | Солҳои 2014-2016 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| 7. | **Нишондиҳандаи «Тиҷорати байналмилалӣ»** | | | | |
| | **7.1.** Таҷдиди назар намудани фаъолияти Шабакаи Ягонаи Автоматикунонидашудаи Иттилоот барои муайян намудани мушкилоти ҷойдошта ва фаъол гардонидани татбиқи босифати он бо ҷалби кормандони салоҳиятнок.<br><br>**7.2.** Фаъол ва самаранок татбиқ намудани низоми “Равзанаи ягона” барои содирот ва воридоти молҳо, ки ба кӯтоҳ намудани мӯҳлат ва кам кардани хароҷоти содирот ва воридоти молҳо барои баробар шудан ба таҷрибаи беҳтарини минтақавӣ аз рӯи нишондиҳандаи “Тиҷорати байналмилалӣ”-и ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” нигаронида шудааст.<br><br>**7.3.** Ба роҳ мондани омӯзиш ва истифодаи амалии таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ нисбат ба ҷоринамоӣ ва истифодаи самараноки низоми «Ҳуҷҷати ягонаи маъмурӣ» тавассути мубодилаи мутахассисони мақомоти гумрук бо мамлакатҳои дорои нишондиҳандаҳои баланди “Тиҷорати байналмилалӣ” (Таиланд, Сингапур, Ирландия, ИМА, Малайзия).<br>Ба роҳ мондани омӯзиш ва истифодаи амалии Дастурамали Комиссияи Аврупоии Иқтисодии Созмони Милали Муттаҳид оид ба соддагардонии расмиёти тиҷорат аз ҷониби кормандони мақомоти гумрук ва дигар мақомоти дахлдор.<br><br>**7.4.** Омодасозии гӯшаи иттилоотӣ ва чопи маълумотномаи хурди кисагӣ | Бояд қайд намуд, ки солҳои охир ҷиҳати соддагардонии ҷараёни воридот ва содироти молу хизматрасонӣ корҳои муҳим амалӣ карда шудааст. Вале ҳоло ҳам ин раванд мураккаб арзёбӣ карда мешавад. Аз ин рӯ бояд дар ин самт корҳои зиёде анҷом дода шаванд.<br><br>**7.1. ва 7.2.** Аз рӯи ин нишондиҳанда Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни 189 мамлакат мавқеи 188-умро ишғол менамояд. Дар сатҳи минтақавӣ бошад дар байни 26 мамлакат ҷойи охиринро ишғол мекунад.<br>Мувофиқи маълумоти ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Умумиҷаҳонӣ барои содироти мол (1 контейнери стандартӣ) 12 ҳуҷҷат лозим буда, расмиёти содироти молҳо дар давоми 71 рӯз бо хароҷоти 8650 доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико амалӣ гардонида мешавад. Барои воридоти мол (1 контейнери стандартӣ) 12 ҳуҷҷат лозим буда, расмиёти воридоти молҳо дар давоми 72 рӯз бо хароҷоти 10250 доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико амалӣ гардонида мешавад.<br>Барои муқоиса мувофиқи таҷрибаи беҳтарини минтақавӣ (Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ) аз рӯи нишондиҳандаи “Тиҷорати байналмилалӣ”-и ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” барои содироти мол (1 контейнери стандартӣ) 6 ҳуҷҷат лозим буда, расмиёти содироти молҳо дар давоми 15 рӯз бо хароҷоти 1510 доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико амалӣ гардонида мешавад. Барои воридоти мол (1 контейнери стандартӣ) 8 ҳуҷҷат лозим | Баланд бардоштани нишондиҳандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба “Тиҷорати байналмилалӣ” дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Умумиҷаҳонӣ.<br><br>Ошкор ва бартараф сохтани мушкилоти ҷойдошта дар татбиқи босифат ва самараноки Шабакаи ягонаи автоматикунонидашудаи иттилоот, кӯтоҳ намудани мӯҳлат ва хароҷоти бо барасмиятдарории гумрукӣ вобаста.<br><br>Таъмини амалии татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 декабри соли 2012, моддаи 131 ва риояи номгӯи ҳуҷҷатҳои ҳатмӣ барои пешниҳод намудан ба мақомоти гумрук.<br><br>Татбиқи самараноки низоми “Ҳуҷҷати ягонаи маъмурӣ”, аз ҷумла таъмини соддагардонии расмиёти содиротию воридотӣ, шаффофияти барасмиятдарории гумрукии молҳо, коркарди | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор ва бахши хусусӣ бо дастгирии шарикони рушд. | Солҳои 2014-2015 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | барои содиркунандагон ва воридкунандагон дар мақомоти гумрук, мақомоти дигари дахлдор ва таъмин намудани онҳо бо маълумоти зарурӣ оид ба қоидаҳои барасмиятдарории гумрукии молҳо, хароҷоти зарурии расмӣ ва дигар маълумоти дахлдор бо асоснокнамоии ҳуқуқии ҳамаи иттилоот, ки аз ҷониби роҳбарият бо мӯҳру имзо тасдиқ гардидааст, инчунин ҷой додани ин маълумот дар сомонаи “Равзанаи ягона” барои содирот ва воридоти молҳо ва сомонаи мақомоти гумрук ва таъмин намудани назорати қатъии сари вақт ворид намудани маълумоти нави дахлдор ба онҳо.<br>Гузаронидани семинар-машваратҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ бо содироткунандагон ва воридоткунандагон оид ба раванди ташкили воридот ва содироти молу хизматрасонӣ.<br><br>**7.5.** Ҷорӣ намудани принсипи “Истгоҳи ягона” дар гузаргоҳи автомобилӣ бо роҳи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон. | буда, расмиёти воридоти молҳо дар давоми 21 рӯз бо хароҷоти 1870 доллари Иёлоти Муттаҳидаи Америко амалӣ гардонида мешавад.<br>**7.3.** Дастурамали Комиссияи Аврупоии Иқтисодии Созмони Милали Муттаҳид оид ба соддагардонии расмиёти тиҷорат тавсия ва стандартҳоеро дар бар мегирад, ки хусусияти ҳатмӣ надошта ба мамлакатҳо имконияти дар сатҳи баланд амалӣ намудани расмиёти тиҷоратиро байни онҳо бо таъмини шаффофият фароҳам меорад. Бинобар ин омӯзиш ва татбиқи амалии тавсияву стандартҳои он барои соддагардонии расмиёти тиҷорати байналмилалӣ мувофиқи мақсад мебошад.<br><br>**7.4.** Барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкорон вобаста ба расмиёти содирот ва воридоти молҳо, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, асосҳои ҳуқуқии гузаронидани ин расмиёт, мӯҳлат ва пардохти расмӣ бо нишондоди асоси ҳуқуқии амалигардонии пардохт ҷойгир намудани маълумоти муфассал дар сомонаи “Равзанаи ягона” барои содирот ва воридоти молҳо, сомонаи мақомоти гумрук ва инчунин омодасозии гӯшаи иттилоотӣ ва чопи маълумотномаи хурди кисагӣ барои содиркунандагон ва воридкунандагон мувофиқи мақсад мебошад. Дар баробари ин зарур аст, ки барои сари вақт ворид намудани маълумоти нави дахлдор ба онҳо назорати қатъӣ бурда шавад. | саривақтии иттилоот ва бартарафнамоии монеаҳо барои воридоти молҳо аз хориҷи кишвар, кам кардани хароҷот ҳангоми омодасозии ҳуҷҷатҳо.<br><br>Баланд бардоштани сатҳи саводнокии ҳуқуқии соҳибкорон.<br><br>Пешгирии рафтори ғайриқонунии кормандони мақомоти гумрук ҳангоми барасмиятдарории гумрукии молҳо.<br><br>Кам кардани монеаҳо дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ тавассути мукаммалгардонии низоми санҷиши борҳо бо дарназардошти хатар, инчунин гузаронидани санҷишҳои муштарак аз ҷониби мақомоти сарҳадӣ. | | |
| **8.** | **Нишондиҳандаи “Ҳалли масъалаи пардохтнопазирӣ”** | | | | |
| | **8.1.** Таҳлили муфассали расмиёти ҳалли масъалаҳои пардохтнопазирӣ барои ошкор намудани мушкилоти асосии он.<br><br>**8.2.** Таҳия ва татбиқи санадҳои меъёрии | **8.1.** Нишондиҳандаи “Ҳалли масъалаи пардохтнопазирӣ” ба меъёри чуброни талафоти расонидашуда асос меёбад, ки ҳамчун маблағи аз қарздор руёнидашаванда дар натиҷаи раванди | Соддагардонии расмиёти муфлисшавӣ ва баланд бардоштани нишондиҳандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳалли | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳои | Солҳои 2014-2016 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ҳуқуқӣ оид ба танзими фаъолияти мутахассисони ҳуқуқшинос вобаста ба гузаронидани расмиёти муфлисшавии корхонаҳо. | азнавташкилёбӣ, барҳамдиҳӣ ва ё руёнидани маҷбурии маблағи қарз ба ҳисоб гирифта мешавад.<br>Аз рӯи ин нишондиҳанда Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” дар байни 189 мамлакат мавқеи 81-умро ишғол менамояд. Дар сатҳи минтақавӣ бошад, дар байни 26 мамлакат ҷойи 15-умро ишғол мекунад, ки аз сатҳи миёнаи минтақавӣ поёнтар мебошад.<br><br>Мувофиқи ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати расмиёти ҳалли масъалаи пардохтнопазирӣ 1,7 сол, хароҷоти расмиёти муфлисшавӣ 9%-и моликияти корхонаи муфлисшуда ва меъёри ҷуброни талафоти расонидашуда 35,8%-ро ташкил медиҳад, ки бо барҳам хӯрдан ва қисм ба қисм фурӯхта шудани корхонаи соҳибкорӣ анҷом меёбад.<br><br>Барои муқоиса дар таҷрибаи беҳтарини минтақавӣ мӯҳлати расмиёти ҳалли масъалаи пардохтнопазирӣ 1,5 сол, хароҷоти расмиёти муфлисшавӣ 9%-и моликияти корхонаи муфлисшуда ва меъёри ҷуброни талафоти расонидашуда қариб 43,2%-ро (43,2 сент аз 1 доллар) ташкил медиҳанд, ки бо азнавташкилёбӣ ва ё фурухта шудани корхонаи соҳибкорӣ ҳамчун корхонаи амалкунанда анҷом меёбад.<br><br>**8.2.** Ҳалли масъалаи пардохтнопазирӣ барои корхонаи соҳибкорӣ (давом додани фаъолияти соҳибкорӣ ва ё қатъ гардидани он) унсури муҳими механизми самараноки муфлисшавии корхонаҳои соҳибкорӣ мебошад. Ҳангоме ки суд масъалаҳои вобаста ба риояи қонунро баррасӣ менамояд, мутахассисони ҳуқуқшинос оид ба масъалаҳои муфлисшавӣ ҳамарӯза | масъалаи пардохтнопазирӣ дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Умумиҷаҳонӣ. | иқтисодӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратӣ, бахши хусусӣ бо дастгирии шарикони рушд. | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | қисми бештари корҳои зиёди вобаста ба ҷиҳатҳои амалӣ ва молиявии расмиёти муфлисшавиро анҷом дода, дар ин расмиёт таҷрибаи бой ҳосил мекунанд. Бинобар ин таҳия ва мавриди истифода қарор додани санади қонунгузорӣ барои иҷозат додан ба фаъолияти чунин мутахассисон, омӯзиш, назорат, муқаррар кардани мукофоти мувофиқ, инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ ҷазо додани онҳо мувофиқи мақсад дониста мешавад. | | | |